**Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори ДДТТ ба номи**
**Абӯалӣ ибни Сино**
**д.и.т., профессор**

**________У.А.Қурбонов**
**«___»_______соли 2013**

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲИ ДДТТ БА НОМИ
## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

***ДУШАНБЕ – 2013***

## 1. Муқаррароти умумӣ:

Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ташкилоти (органи) худидоракунӣ дар хобгоҳ ба ҳисоб меравад.

Шӯрои донишҷӯён дар маҷлиси умумии донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, ба мӯҳлати як сол интихоб карда мешавад.

Шӯрои донишҷӯён фаъолияти худро дар мувофиқа бо Ойинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад ва бо деканатҳои факултетҳо, муовинати шӯъбаи тарбия ва фарҳанг, иттифоқи касабаи донишҷӯён, федератсияи худидоракунии донишҷӯён дар иртиботи наздик, амал менамояд.

Шӯрои донишҷӯён бо мақсади ҷалби бештари истиқоматкунандагони хобгоҳ ба чорабиниҳои иҷтимоӣ- маишӣ, маърифатӣ-оммавӣ, солимӣ, фароғатӣ, дуруст ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, беҳтарсозии шароитҳои манзил ва хизмати маишӣ, ёрию ҳамкорӣ ба роҳбарияти донишгоҳ дар роҳандозии ин чорабиниҳо, ташкил карда мешавад.

Маҷлиси шӯрои донишҷӯён чун маҷлиси Шӯрои иттиҳодияи донишҷӯён дар як моҳ на кам аз як маротиба, он ҳам дар мавриди зарурӣ, гузаронида мешавад.

Маҷлиси Шӯрои донишҷӯён дар ҳоле эътибор пайдо мекунад, ки на кам аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои донишҷӯён он ҷо иштирок кунанд.

Агар дар ин ҷаласа беш аз нисфи шумораи иштироккунандагони узви шӯрои донишҷӯён овоз диҳанд, қарори Шӯрои донишҷӯён салоҳиятдор (комилҳуқуқ) ҳисобида мешавад.

Қарори Шӯрои донишҷуён, агар ба Ойинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Низомнома оид ба хобгоҳи донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мухолифат накунад, барои ҳамаи истиқоматкунандагони хобгоҳ ҳатмӣ ҳисобида мешавад.

Агар мӯҳлатҳои дигари амалӣ намудани қарори Шӯрои донишҷӯён, ба ҳангоми қабули қарори навбатӣ муқаррар нашуда бошад, он аз лаҳзаи қабул шуданаш мавриди амал қарор мегирад.

## 2. Сохтори шӯрои донишҷӯён

1.2. Шӯрои донишҷӯён аз раис, ҷонишини раис, котиб ва комиссияҳои зерин иборат аст, ки бо мақсади беҳтар намудани иҷроиши вазифаҳои худи шӯрои донишҷӯён ташкил карда шудаанд:

- ҳаётӣ-маишӣ;
- маърифатӣ – оммавӣ ва варзишӣ;
- ҳифзи ҳуқуқ.

Инчунин, дар Шӯрои донишҷӯён, ҳар як хобгоҳ имкон дорад коммиссияи дигарро ташкил намояд.

2.2. Комиссияи шӯрои донишҷӯён метавонад ҳайати худро нав кунад. Пешниҳод оид ба дигаркунии ҳайатро комиссияҳо муҳокима намуда, барои дида баромадан ба шӯрои донишҷӯён ирсол медоранд.
2.3. Ба даст овардан, омода намудан ва паҳн кардани иттилоотро сектори иттилоотии шӯрои донишҷӯён таъмин намуда, ба роҳ мемонад.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Шӯрои донишҷӯён

Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ҳуқуқ дорад:

- дар муносибатҳои тарафайн бо маъмурияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, муовинати корҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ, иттифоқи касабаи донишҷӯён, манфиатҳои истиқоматкунандагони хобгоҳро муаррифӣ намояд;
- дар маҷлисҳои худ нақшаи корҳои тарбиявии деканатҳои факултетҳо, шӯъбаи корҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ, иттифоқи касбаи донишҷӯёнро муҳокима намуда, пешниҳод ирсол намояд;
- ба маъмурияти донишгоҳ оид ба беҳтарсозии шароитҳои ҳаётӣ – маишии истиқоматкунандагон пешниҳод равон кунад;
- истиқоматкунандагонро ба навбатдорӣ дар хобгоҳ, сексия, ошёна, ошхона, вахта ва дигар навъи корҳо оид ба худхизматрасонӣ ва ободонӣ ҷалб намояд;

Барои вайронкунии Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Низомнома дар бораи **хобгоҳи** ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва иҷро накардани қарори шӯрои донишҷӯён, маҷлиси умумии донишҷӯён ҳуқуқи муҷозоти зеринро дорад:

- адои корҳои ҷаримавӣ барои ободонии хобгоҳ;
- огоҳинома;
- сарзаниш;
- пешниҳод барои хориҷ намудан аз хобгоҳ;
- гузориш навиштан ба маъмурияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои ихроҷи донишҷӯ аз донишгоҳ.

**Ӯҳдадориҳои Шӯрои донишҷӯён:**

- пас аз интихоб шудан дар муддати як моҳ аз рӯзи маҷлис, тайёр кардан ва тасдиқ намудани нақшаи пешакии корӣ барои як сол;
- манфиатҳои истиқоматкунандагони хобгоҳро дар муносибатҳои тарафайн бо маъмурияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, шӯъбаи тарбия ва фарҳанг, деканатҳо ҳифз намудан;
- ба истиқоматкунандагони хобгоҳ сари вақт расонидани иттилооте, ки ба ҳаёти донишҷӯён дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино тааллуқ доранд;

- ба иҷроиши Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қоидаҳои бехатарии сӯхтор, Низомномаи хобгоҳи донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино назорат намудан;
- ҳолати беҳдоштии ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳои истифодабарии умумро мунтазам тафтиш намудан (на кам аз як маротиба дар як моҳ)
- гузаронидани намоиш– конкурсҳо бо номи «Ҳуҷраи беҳтарин», «Ошёна-бинои беҳтарин» ва дар намоиш-конкурсҳои «Хобгоҳи беҳтарини ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ширкат варзидан;
- ба маъмурияти хобгоҳ, Шӯро оид ба корҳои тарбиявӣ, шӯъбаи корҳои тарбиявӣ, иттифоқи касаба ва деканатҳо оид ба воқеаҳои дар хобгоҳ баамаломада маълумот додан;
- дар ташкили утоқи истироҳатӣ (толори хониш) иштирок намудан ва ба истифодаи босамари онҳо назорат кардан;
- дар ташкили чорабиниҳои ҳаётӣ – маишӣ марбут ба истиқоматкунандагони хобгоҳ, ширкат намудан;
- оид ба корҳои иҷрошуда, дар маҷлиси ҷамъбастии умумии истиқоматкунандагон ҳисобот додан;
- оид ба корҳои иҷрошуда дар Шӯрои иттиҳодияи донишҷӯёни хобгоҳ, на кам аз як маротиба дар як нимсола, ҳисобот додан.

**4. Муносибати тарафайн**

Шӯрои донишҷӯён вобаста ба салоҳияти худ бо маъмурияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Шӯро оид ба корҳои тарбиявӣ, шӯъбаи корҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ, деканатҳо, иттифоқи касабаи донишҷӯён, ҳамкорӣ мекунад;

Шӯро оид ба корҳои тарбиявӣ, шӯъбаи корҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ, деканатҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино амалан маълумоти заруриро тибқи дархости донишҷӯён мерасонад.